Бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии
Тоҷикистон аз 24,07.2014,№15/11 тасдиқ шудааст.

# ТАРТИБИ
баргузории дарси кушод дар муассисаҳои таҳсилотиумумӣ

## 7. *ҚОИДАҲОИ УМУМӢ*

1.1Тартиби баргузории дарси кушод дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ(минбаъд Тартиб) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудааст.

1.2. Тартиби мазкур дар тамоми зинаҳои таҳсилоти умумӣ истифода бурда мешавад.

1.3. Дарси кушод воситаи паҳн намудани тачрибаи пешқадам, натиҷаи корҳои методии омӯзгорон ва исури таъсирбахши раванди гаълиму тарбия ба ҳисоб меравад.

1.4 Мақсад аз баргузории дарси кушод мукаммал ва мавриди истифода қарор додани методҳои пешқадами раванди таълиму тарбия, таҳлили самаранокии усулҳои таълим ва назорати сифати раванди таълим мебошад.

1.5. Вазифаи омӯзгоре, ки дарси кушодро мегузарад, пеш аз ҳама арзёбии самаранокии техника ва технологияи муосири таълим, метод ва усулҳои пешқадами истифодашаванда, такмили усул ва тарзу воситаҳои алоҳидаи таълим мебошад.

1.6. Барои гузаронидани дарси кушод омӯзгор аз дилхоҳ навъи машғулияти таълимӣ ва шакли таълим истифода менамояд.

1.7. Дар аввали соли таҳсил ҷадвали баргузории дарсҳои кушод тартиб дода мешавад. Раиси Шӯрои методии муассисаи таълимӣ ҷадвали ягонаи баргузории дарсҳои кушодро тартиб дода, бо имзои директори муассисаи таълимӣ онро тасдиқ мекунад ва тамоми омӯзгоронро бо он шинос менамояд.

1.8. Меъёри асосии арзёбии самаранокии дарси кушод сифати дониш, маҳорат ва малакаест, ки хонандагон бо роҳбарии омӯзгор аз худ намудаанд.

## 2. *БАНАҚШАГИРИИ ДАРСИ КУШОД*

2.1. Дар Шӯрои методӣ дар анҷоми соли таҳсил аз ҷониби иттиҳодияҳои методии фаннӣ натиҷаи таҳлили иштирок ба дарси якдигар гузаронида шуда, малака ва маҳорате муайян карда мешавад, ки дар амал собит гардидааст ва метавонад соли нави таҳсил чун таҷрибаи пешқадам пешниҳод карда шавад.

2.2. Дар асоси баррасии таҷрибаи эҷодии омӯзгорон аз ҷониби аъзои комиссияе, ки бо фармоиши директори муассисаи таълимӣ тасдиқ шудаанд,

нақшаи баргузории дарси кушод тахия карда мешавад.

2.3. Ҳангоми таҳияи нақшаи баргузории дарси кушод, дар навбати аввал гузаронидани дарси кушодро ба зиммаи омӯзгорони ботаҷриба ва эҷодкор мондан бамақсад мувофиқ аст. Барои гузаронидани дарси кушодомӯзгорони ҷавон низ ҷалб карда мешаванд, агар онҳопешниҳоди ҷолиб ва навовариҳои педагогӣ доштабошанд.

2.4. Ҳангоми банақшагирии дарси кушод мақсадиамиқи методии он муайян карда мешавад.

2.5. Дар байни омӯзгорон тибқи реҷаи муайянбаробар тақсим кардани баргузории дарси кушодмувофиқи мақсад аст.

2.6.Омӯзгор рафти баргузории дарси кушодро пешниҳод менамояд. Мавзуъ ва шакли баргузории дарси кушодро омӯзгор мустақилона интихоб мекунад. Шартҳои муҳими баргузории дарси кушод истифодаи дилхоҳ қисмати таълимию методии барномаи таълимӣ ва воситаҳои техникии таълим мебошад.

2.7.Талабот ба мазмуни тартиби дарс.

Тартиб бояд бобҳои ҳатмии зеринро дар бар гирад: Мавзуъ.

Синф.

Шакли баргузорӣ.

Мақсад ва вазифаҳо.

Нақшаи дарс бо нишон додани блокҳои мавзуӣ ва қисматҳои дарс, вақти зарурӣ барои амалӣ намудани ҳар як қисмат;

Савол ва супоришҳо;

Рафти дарс;

Воситаҳои техникии таълим;

Дигар маводи дидактикӣ;

Адабиёти методӣ;

Захираҳои интернетй;

Худтаҳлилкунӣ.

## 3. *ТАЪМИНОТИ МЕТОДИИ ДАРСИ КУШОД*

3.1. Маҷмуи пурраи ҳуҷҷатҳои муайянкунандаи таъминоти методии дарси кушод як ҳафта пеш аз №5аргузории он омода карда мешавад.

3.2. Вобаста ба шакли таълим, навъи дарс тибқи таркиби таъминоти методӣ интихоб карда мешавад

3.3. Коркард ва ё тавсияҳои методй ба дарси кушод бояд масъалаҳои ташкил ва методикаи раванди таълиму тарбияро дар дарс инъикос намоянд.

3.5.Омӯзгоре, ки дарси кушодро баргузор менамояд, раванди таълиму тарбияро дар партави он масъалаҳои педагогие ба роҳ мемонад, ки асоси дарсро ташкил медиҳанд. Методҳои истифодашаванда ва воситаҳои таъсиррасонӣ ба хонандагон, воситаҳои ба роҳ мондани фаъолияти онҳо барои ба таври танқидӣ арзёбӣ намудани тамоми системаи кор ва пайдо

шудани хоҳиши такмил додани он кӯмак меиамоянд.

3.6. Тавсияи методӣ метавонад, баъд аз баргузории дарси кушод пурра гардад ва қисман аз нав коркард шавад, то ки тамоми паҳлуҳои арзишманде, ки дар раванди дарс ба даст омадааст, дар вай инъикос ёфта, аз ҷониби дигар омӯзгорон низ истифода бурда шавад.

3.7. Мазмун ва муҳтавои тавсияи методӣ бояд ба талаботи коркарди дарс мувофиқат кунад.

3.8. Тавсияи методӣ баъд аз тасдиқ дар ҷаласаи иттиҳодияи методй барои баррасӣ ба шӯрои методӣ пешниҳод карда мешавад ва ба кабинети методӣ супорида мешавад.

## *4. БАРГУЗОРИИ ДАРСИ КУШОД*

4.1.Омӯзгор ва ё роҳбари иттиҳодияи методӣ як ҳафта пеш аз баргузории дарси кушод муовини директор оид ба корҳои таълимию тарбиявиро дар хусуси баргузории дарси кушод огоҳ мекунад.

4.1. Дарси кушод дар муҳити корӣ баргузор карда мешавад.

4.2. Даъватшудагон ба дарс то садо додани занг вориди синф гардида, барвақттар ҷойҳои худро тавре ишғол мекунанд, ки диққати хонандагонро камтар ба худ ҷалб намоянд ва бе монеа рафгори омӯзгор ва хонандагонро мушоҳида намоянд.

4.3. Тамоми даъватшудагон бояд одоби педагогиро риоя намоянд, ба рафти дарс халал нарасонанд, дар ҳузури хонандагон муносибати худро ба кори омӯзгоре, ки дарси кушод мегузаронад, ифода накунанд.

4.4. Даъватшудагон дар раванди мушоҳида бояд бамақсади дарс, усул ва воситаҳои методии таълим, маҳорати касбии омӯзгор, сатҳи иштироки хонандагон ва натиҷаи ниҳоӣ диққат диҳанд.

4.1. Натиҷаи мушоҳидаҳо дар «Варақаи мушоҳидаи дарси кушод» инъикос меёбад.

## *5.МУҲОКИМА ВА ТАҲЛИЛИ ДАРСИ КУШОД*

5.1. Муҳокима ва таҳлили дарси кушод дар рӯзи баргузории он сурат мегирад.

5.2. Рафти муҳокимаро роҳбари иттиҳодияи методӣ ва ё шахси масъули он роҳбарӣ менамояд.

5.3. Мақсади муҳокима-арзёбии дурустии баргузории дарс, мақсаднок истифода бурдани усул ва воситаҳои методии истифодашуда, расонидани кӯмак ба омӯзгор ҷиҳати дарёфти дигар усулҳои методӣ, самаранокии онҳо аз нуқтаи назари масъалаҳои гузошташуда мебошад.

5.4. Муҳокимаи дарс бояд дар хусуси усулҳои алоҳидаи кор, лаҳзаҳои мушаххаси дарс иброз шавад ва аз мақсади гузошташуда дур набошад.

5.5. Дар муҳокима бояд шахсони зерин иштирок кунанд:
- омӯзгоре, ки дарси кушод гузаронидааст;
- омӯзгорони даъватшуда;
- роҳбари иттиҳодияи методӣ;
- намояндаи маъмурият, масъули кори методӣ.

5.6. Сухани аввал ба омӯзгоре, ки дарси кушод гузаронидааст, дода мешавад. Вай бояд тамоми лаҳзаҳои дарсро шарҳ диҳад, интихоби усул ва воситаҳои методӣ, сифати истифодаи онҳоро асоснок намояд, хулосаҳои танқидиро дар хусуси баргузории дарс ва муҳтавои маводи интихобшуда баррасӣ намояд.

5.7. Баромадкунандагон бояд паҳлуҳои хуб ва норасоии дарсро баррасй намуда, онро аз мавқеи принсипҳои дидактикӣ арзёбӣ намоянд, ба мақсади дарс ва ба даст омадани он, характери тарбиявии он, ба самаранокии истифодаи воситаҳои аёнӣ ва маводи дидактикӣ эътибор диҳанд. Дар рафти муҳокима бояд норасоӣ ва хатогиҳое, ки дар қисмати ташкилӣ ва муҳтавои дарс ба онҳо роҳ дода шудааст, қайд карда шаванд, барои такмил додани системаи кор тавсияҳо дода шавад.

Арзёбии тартиби дарс бо назардошти меъёрҳои зерин амалӣ карда мешавад:

-мувофиқати барнома;
-ба таври методӣ таҳия шудани нақшаи дарс;
-гуногунӣ ва теъдоди маводи истифодашаванда аз рӯйи мавзуъ;
-дастрас ва аслӣ будани маводи истифодашаванда;
-метод ва усулҳои ташкили фаъолияти хонандагон;
-гуногунии воситаҳои техникӣ ва маводи истифо д ашав анда;
-малака ва маҳорати касбии омӯзгор;
-фаъолнокии хонандагон.

5.8. Дар охир роҳбари иттиҳодияи методӣ ва муовини директор оид ба корҳои таълимӣ баромад мекунанд.

Онҳо муҳокимаро ҷамъбаст намуда, ба метод ва усулҳои дар дарсистифодашуда баҳо медиҳанд, сатҳи баррасишавии мақсади дарси кушодро қайд мекунанд ва дар бораи мақсаднокии истифодаи таҷрибаи пешниҳодшуда хулоса мебароранд.

5.9. Ҳангоми таҳлили дарси кушод ба нақши тарбиявии он низ баҳо додан зарур аст. Оҳанги муҳокима бояд корӣ ва хайрхоҳона бошад. Мубодилаи солими фикру ақида, баҳс ва мунозирае, ки на танҳо хоҳиши аз нуқтаи назари танқидӣ муҳокима кардани дарсро дорад, балки хоҳиши ба таври эҷодӣ истифода намудани таҷрибаи онро дар ҳозирин бедор месозад, зарур аст.

5.10. Баъд аз баромади иштироккунандагон сухан ба омӯзгоре, ки дарси кушод гузаронидааст, дода мешавад. Вай дар хусуси кадом эродҳоро қабул карданаш, бо кӣ ва барои чӣ розӣ набуданаш сухан карда, нуктаи назари хешро иброз менамояд.

5.11. Муҳокимаи дуруст ва асоснок барои ба як хулосаи амиқ омадан мусоидат менамояд.

## *6. ҶОРӢ НАМУДАНИ ТАҶРИБАИ ДАРСИ КУШОД*

6.1. Ҳамаи иштироккунандагони дарси кушод ба раиси Шӯрои методӣ варақаи мушоҳидаи дарсро месупоранд. Дар асоси варақаи мушоҳида, хулосаи муҳокима ва таҳлили дарси кушод ҷамъбаст карда мешавад.

6.2. Тавсияи методии дарси кушод, таҳлил, хулоса ва пешниҳод ба таҷассумёбии таҷрибаи пешқадами педагогӣ бояд мусоидат намояд.

6.3. Натиҷаи дарси кушод дар Шӯрои педагогии муасисаи таълими ба самъи тамоми кормандони педагогӣ расонида мешавад. Ба қарори Шӯрои педагогӣ пешниҳоди амиқ ва тавсияҳо барои истифодаи таҷрибаи пешқадам ҳамроҳ карда мешавад.

6.4. Дарси кушод бояд тамоми навоварӣ ва ақидаҳои пешқадамеро, ки дар раванди фаъолияти педагогӣ тавлид мешаванд, таҷассум намояд, барои дар амал ҷорӣ намудани шакл ва методҳои таълим ва тарбияи хонандагони муассисаи таълимӣ мусоидат намояд.

6.5. Намунаи дарси беҳтарин дар бойгонии Шӯрои методӣ нигоҳ дошта мешаванд ва дар сайти муассисаи Фаълимӣ ҷой дода мешавад.

6.6. Маълумотномаи муҳокима ва баррасии дарси кушод ба омӯзгор дода мешавад.

6.7. Нақшаи дарс (конспект) дар ҷузвдони шӯро ё иттиҳодияи методӣ нигохдорӣ ва барои истифодаи ҳамкасбон, хусусан мутахассисони ҷавон пешниҳод карда мешавад.